***УДК 338***
***ББК 65.305.72***

***ВАЗЪИ ТАРАҚҚИЁТИ САНОАТИ САБУКИ ВИЛОЯТИ СУҒДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2012-2019***

***Ниёзова Моҳирахон Улуғбековна,***
*докторанти Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СОСТОЯНИЕ РАЗВИТИЯ ЛЕГКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН в 2012 -2019г.***

***Ниёзова Мохирахон Улугбековна,***
*докторант Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

***THE STATE OF LIGHT INDUSTRY DEVELOPMENT IN SUGHD VILOYAT OF TAJIKISTAN REPUBLIC IN 2012 -2019***

***Niyozova Mohirakhon Ulugbekovna,***
*Doctoral student of the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand)* ***E-MAIL:*** *mohira_niezova@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *рушди иқтисодӣ, иқтисодиёти минтақа, саноат, кластер, саноати сабук, содирот, комплекси саноатӣ*

*Вазъи тараққиёти саноати вилояти Суғд, аз ҷумла саноати сабук мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Нишондиҳандаҳои соҳа дар тӯли даҳ соли охир мавриди таҳлил қарор гирифта, аз рӯи натиҷаҳои онҳо хулоса бароварда шудааст. Хусусияти рушди корхонаҳои саноати сабуки вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор ва пайваста ба он асоснок карда шудааст, ки барои рушди соҳа модернизатсияи он зарур аст. Иҷрои ин кор бо роҳи ҷорӣ намудани шаклҳои навтарини ташкили истеҳсолот имконпазир аст. Динамикаи рушди саноати сабуки вилояти Суғд аз рӯи соҳаҳо, алалхусус бофандагӣ ва дӯзандагӣ, истеҳсоли пойафзол ва маснуоти чармӣ, истеҳсоли нахи пахта ва амсоли онҳо оварда шудааст. Содироти нахи пахта дар сохтори саноати сабук, ҳамчун самти стратегӣ ва афзалиятнок арзёбӣ карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *экономическое развитие, региональная экономика, промышленность, кластер, лёгкая промышленность, экспорт, промышленный комплекс*

*Исследуется состояние развития промышленности Согдийской области, в том числе легкой промышленности. Проанализированы показатели отрасли за последние десять лет и по их результатам сделаны выводы. Выявлены особенности развития предприятий легкой промышленности Согдийской области Республики Таджикистан и по результатам обосновано, что для развития отрасли необходима ее модернизация, что возможно за счет внедрения прогрессивных форм организации производства. Представлена динамика развития легкой промышленности Согдийской области по отраслям, в частности ткачество и швейное производство, производство обуви и кожгалантереи, хлопкового волокна и т.п. Экспорт хлопкового волокна в структуре легкой промышленности оценивается как стратегически приоритетное направление развития.*

***Key-words:*** *economy development, regional economy, industry, cluster, light industry, export, industrial complex*

*The article dwells on the state of industry development in Sughd viloyat, light industry inclusive. The author has analyzed the indices of the branch for the latest ten years and made conclusions according to the results obtained. He has elicited the peculiarities of the development in regard to light industry enterprises in Sughd viloyat in the Republic of Tajikistan and, proceeding from the results, substantiated that for branch development its modernization is needed and it is possible at the expense of engrafting progressive forms of production organization. There is presented the dynamics of light industry development in Sughd viloyat concerned with each branch – in particular, weaving and sewing manufacturing, produce of footwear and leather haberdashery, production of cotton filament and so on. Export of cotton filament in light industry structure is assessed as a strategic priority streamline of development.*

Амалкарди устувор ва муътадили иқтисодиёти минтақа аз бисёр ҷиҳат бо татбиқи бомуваффақияти барномаҳои стратегии рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла бахши саноат муайян карда мешавад. Амалан рушди иқтисодиёт баробари дигар омилҳои минтақа бо чораҳову тадбирҳои амиқи пешакӣ муайян гардида, аз дастгоҳи идораи иқтисодиву иҷтимоии он вобастагии калон дорад. Дар амалия маҷмӯи чораҳои ба нақша гирифташудаи иқтисодиёти минтақаро бештар "стратегия" меноманд, ки дар таҳия ва тасдиқи он бояд тамоми омилҳо, имкониятҳо ва захираҳои рушди иқтисодиёти минтақа ба инобат гирифта шавад.

Алҳол соҳаи саноат яке аз ҳадафҳои стратегии иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба инкишофи соҳаи саноати сабук диққати махсус дода шудааст. Роҳбари давлат солҳои 2021-2025 солҳои рушди саноат дар Ҷумҳурӣ эълон кард[1]. Дар Паём зарурати рушди соҳаи пиллапарварӣ ва абрешим, ки вилояти Суғд дар ин самт афзалияти мутлақ дорад, махсус таъкид гардидааст[1].

Тибқи вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба миён гузошташуда Тоҷикистон роҳи гузариш аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрии рушди иқтисодиро интихоб кардааст, ки ноил шудан ба ин мақсад модернизатсияи назарраси соҳаҳои саноат аз ҷумла бо дарназардошти васеъ ҷорӣ намудани шаклҳои навтарини ташкили истеҳсолотро тақозо менамояд [2, с.70].

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид. Чунончӣ, дар давраи аз соли 2011 то 2019 ММД беш аз ду баробар афзуда, суръати миёнаи афзоиш 7,1 фоизро ташкил дод. ММД ба ҳар сари аҳолӣ беш аз чор маротиба зиёд шуд. Дар ин муддат маҷмӯи маҳсулоти дохилии вилояти Суғд беш аз ду маротиба зиёд гардид. Зиёдшавии ММД дар вилояти Суғд ҳамзамон бо афзоиши интенсивии истеҳсолоти саноатӣ сурат гирифт. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷумҳурӣ аз 10 миллиону 590 миллион сомонӣ дар соли 2011 то ба 23 миллиону 894 миллион сомонӣ дар соли 2019 афзоиш ёфт. Ин нишондиҳанда дар вилояти Суғд мутаносибан 2382,9 миллион сомонӣ ва 11498,4 миллион сомониро ташкил дод [3, с.10]. Суръати афзоиш қариб чор баробар буда, 8,1 фоизи онро маҳсулоти корхонаҳои саноати сабук ташкил мекунад. Суръати афзоиши ММД дар ҷумҳурӣ ба афзоиши миёнаи дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зикр шуда (6-7%), тибқи сенарияи рушди саноат мувофиқат дорад, вале аз нишондиҳандаҳои барои стратегияи саноатӣ пешбинишуда (8-9%) ақиб мемонад. Барои таъмини нишондиҳандаҳои мутобиқ ба талаботи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 оид ба рушди комплекси саноатии минтақа тадбирҳоеро амалӣ гардонидан лозим аст, ки ба тараққии босуръати комплекси саноатии вилоят ва махсусан саноати сабук заминаҳои зарурӣ ба вуҷуд меоранд.

Саноати сабук дар вилояти Суғд ҷузъи таркибии комплекси саноатии вилоят буда, аз 633 корхонаҳои комплекси саноатии вилоят соли 2013 160 корхона (ҷадвали 1) ба ин соҳа рост меомад. Аз 28286 нафар кормандони комплекси саноатии вилоят 11624 нафар дар корхонаҳои саноати сабук кор мекарданд. Корхонаҳои саноати сабуки вилоят нахи пахта, тухмии пахта, матои пахтагӣ, матоъ ва нахи абрешимӣ, гилему қолин, трикотаж ва ҷӯроб истеҳсол мекунанд. Дар вилоят сехҳои хурди дӯзандагиро дар бар мегирад.

Хусусияти рушди корхонаҳои саноати сабуки вилояти Суғд дар он аст, ки саноати сабуки минтақа ба истиснои комбинати қолинбофӣ ва корхонаи муштараки «Ҷавонӣ», ки ашёи хоми маҳаллӣ ва фурнитура, технология ва техникаи воридотиро истифода мебаранд ва маҳсулоти тайёрро ба хориҷа мебароранд, ҳамеша ҳамчун низоми истеҳсолоти нотамом фаъолият мекард. Истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноати сабуки вилоят бевосита аз таҳвилгарони хориҷии таҷҳизоту технология ва фурнитура вобаста аст. Бо вуҷуди ин онро аз рӯи истеҳсоли либоси ҷинс ба таркиби кластери саноати сабук дохил карда, ҳамкории мутақобиларо бо корхонаҳои ватании хизматрасон ба роҳ мондан мумкин аст. Ин амал ба мақсад мувофиқ аст, зеро вилоят захираи ашёи хом дорад.

***Ҷадвали 1.*** *- Нишондиҳандаҳои динамикаи асосии рушди саноати сабуки вилояти Суғд*

| Соҳаҳо | I | | II | | III | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2019 | 2017 | 2019 | 2017 | 2019 |
| Саноат умуман | 597 | 633 | 32068 | 28286 | 100664117,0 | 11498400,0 |
| Бофандагӣ ва дӯзандагӣ | 111 | 119 | 6761 | 7625 | 863702,8 | 992100,0 |
| Пойафзоли чармин, маснуот аз чарм | 5 | 6 | 306 | 396 | 21380,6 | 21400,0 |
| Қолин ва маҳсулоти қолинӣ | 4 | 4 | 608 | 617 | 1805,0 | 2487,0 |
| Истеҳсоли нахи пахта | 30 | 32 | 2986 | 2986 | 38131,5 | 40,0 |
| Тавзеҳ: I - шумораи корхона; II – шумораи кадрҳои истеҳсолоти саноатӣ, нафар; III- ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ | | | | | | |

***Сарчашма:*** *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон\\Маҷмӯаи оморӣ. -Душанбе, Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2020. – с.30.*

Корхонаи дуюми вилоят, ки таҷрибаи ба бозори хориҷӣ баровардани маҳсулот дорад, «Комбинати қолинбофӣ» ба ҳисоб меравад. Фаъолияти коргоҳи мазкур ба сабабҳои объективию субъективӣ аз воридот вобаста аст. Азбаски барои истеҳсолот ашёи хоми ватанӣ — пашм намерасид, коргоҳ ба истифодаи нахи синтетикӣ гузашт ва амалан ба маркази коркард табдил ёфт. Дар сурати воридотӣ будани ҳамаи ҷузъҳои таркибии истеҳсолӣ ба ғайр аз захираҳои меҳнатӣ ва нерӯи барқ рақобатпазирӣ зоҳир кардан кори мураккаб аст. Аз ҷиҳати ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар байни корхонаҳои саноати сабуки вилоят корхонаи муштараки «Ҷавонӣ» вазни қиёсии аз ҳама зиёд дорад, Вазни қиёсии

маҳсулоти он 9,1 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати сабуки вилоятро ташкил мекунад. Ҷои дуюмро ҶСП "САТН" бо 5,1 % ва мақоми сеюмро ҶСК "Ҳабиб" бо 4,7% ишғол менамоянд. Ин корхонаҳо дар тараққиёти саноати бофандагӣ ва дӯзандагии саноати сабуки вилоят ба кадри кифоя иштирок мекунанд.

Суръати гуногуни истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноати сабуки вилоят боиси он гардид, ки истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулот дар ифодаи натуралӣ низ ё аз ҷиҳати ҳаҷм меафзуд, ё истеҳсоли ин ё он маҳсулот коҳиш меёфт. Дар вилоят истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ аз 1362 ҳазор метри мураббаи соли 2012 то 638 ҳазор метри мураббаъ дар соли 2019 кам шудааст. Истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ бошад аз 71,6 ҳазор метри мураббаъ дар соли 2012 соли 2015 то 2,4 ҳазор метри мураббаъ коҳиш ёфт. ва аз соли 2016 қатъ гардид. Ҳаҷми истеҳсоли қолин ва  маснуоти қолинӣ як қадар афзуд. Масалан, агар дар соли 2012 ҳаҷми онҳо ба 0,9 млн. м расида бошад, пас дар соли 2019 ин  нишондиҳанда 1,8 млн. м-ро ташкил кард ё қариб ду баробар афзуд. Истеҳсоли пойафзол дар соли 2012 4,2 ҳазор ҷуфт буд, соли 2019 бошад  ба 7,3 ҳазорҷуфт расид. Ҳаҷми истеҳсоли нахи пахта дар вилоят пас аз як давраи муайяни коҳиш дар солҳои 2012 ва 2019 афзоиш ёфт. масалан дар соли 2012 41,0 ҳазор тонна нахи пахта истеҳсол шуда буд, соли 2018 ҳаҷми истеҳсоли нах то 38,1 ҳазор тонна кам шуд. Соли 2019 ин нишондиҳанда ба 40,0 ҳазор тонна расид. Ин тамоюл дар истеҳсоли нахи пахта дар ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад. Дар ҷумҳурӣ соли 2012 135,2 ҳазор тонна нахи пахта истеҳсол шуда буд, соли 2019 бошад истеҳсоли он то 98,2 ҳазор тонна коҳиш ёфт. Дар истеҳсоли калобаи пахтагин, нахи абрешимӣ, матоъҳои пахтагин низ чунин тамоюл мушоҳида мешавад. Масалан, агар соли 2012 дар ҷумҳурӣ 22 622 ҳазор метри мурабаъ матои пахтагин истеҳсол шуда бошад, соли 2019 ин нишондиҳанда 7512 ҳазор  метри мурабаъро ташкил дод  ё зиёда аз 3 баробар кам шуд. Дар вилояти Суғд истеҳсоли матои пахтагин баъди як қадар кам шудан бештар аз ду баробар зиёд шуд: аз 1362 ҳазор метри мурабаи соли 2012 то ба 4109 ҳазор метри мурабаъ дар соли 2019 расид.

Дар саноати сабуки вилояти Суғд афзоиши босуръати ҳаҷми истеҳсоли матоҳои нобофта, ки бо ҳазор метри мураббаъ ва ҳазор метри тӯлонӣ андозагирӣ мешаванд, ба назар мерасад. Истеҳсоли матоъҳои нобофта умуман дар мамлакат тамоюл ба коҳиш дорад: агар соли 2012 дар ҷумҳурӣ 1483 ҳазор метри мураббаъ матои нобофта истеҳсол шуда бошад, соли 2019 ин нишондиҳанда то 1227 метри мураббаъ коҳиш ёфт. Корхонаҳои саноати сабуки вилояти Суғд истеҳсоли матоъҳои нобофтаро аз 326 ҳазор метри мураббаи соли 2012 дар соли 2019 то ба 627 ҳазор метри мураббаъ ва 388 ҳазор метри тӯлонӣ расониданд ё қариб ду баробар зиёд карданд. Ҳамин тавр дар баробари коҳиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар баъзе корхонаҳо афзоиши истеҳсол дар корхонаҳои дигар мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди он,  то ҳол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ифодаи натуралӣ, ки чун воҳид пазируфта шудааст, ба сатҳи соли 1991 нарасидааст. Коҳиши истеҳсоли матоъҳои абрешимӣ аз соли 2016 ҳам дар минтақа ва ҳам дар тамоми мамлакат (ба ҳисоби метри мураббаъ) ба кам шудани истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук дар вилояти Суғд низ таъсир расонд. Масалан, истеҳсоли он аз 103,5 ҳазор метри тӯлонии соли 2012 то 12,1 ҳазор метри тӯлонӣ дар соли 2019 коҳиш ёфт. Солҳои 2016-2017 маҳсулот умуман истеҳсол нашудааст. Илова бар ин, аз соли 2013 истеҳсоли ресмони пашмин, ки дар ҷумҳурӣ танҳо дар вилояти Суғд ташкил карда шудааст, қатъ гардид. Дар корхонаҳои саноати сабуки вилояти Суғд тамоюли коҳиши истеҳсоли матоъҳои трикотажӣ мушоҳида мешавад. Дар истеҳсоли матоъҳои трикотажӣ мураттабию муназзамӣ ба назар намерасад.

Чунончи, агар соли 2012 15,0 тонна матои трикотажӣ истеҳсол шуда бошад, соли 2015 он ба 18,1 тонна расид, соли 2018 бошад ҳаҷми истеҳсол 10,5 тоннаро ташкил дод, ки ин назар ба марҳилаи аввали таҳқиқ қариб 1,6 баробар камтар аст. Гарчанде умуман дар ҷумҳурӣ тамоюли коҳиши ҳаҷми коркарди пӯст (соли 2012 727,76 ва дар соли 2017-458,1) ба назар мерасад дар саноати сабуки вилояти Суғд истеҳсоли пӯст тамоюлба афзоиш дорад. Чунончӣ, агар дар соли 2012 дар корхонаҳои саноати сабуки вилоят 2,2 ҳазор метри мураббаъ пӯст истеҳсол шуда бошад, пас дар соли 2019 ин нишондиҳанда ба 155,0 ҳазор метри мураббаъ расид. Дар давраи таҳлил истеҳсоли пойафзоли чармин ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар вилоят тамоюл ба афзоиш зоҳир кард. Масалан, агар соли 2012 дар ҷумҳурӣ 61,5 ҳазор ҷуфт пойафзол истеҳсол шуда бошад, соли 2019 ин нишондиҳанда 116,5 ҳазор ҷуфт расид. Дар вилояти Суғд нишондиҳанда мутаносибан 4,2 ва 4,0 ҳазор ҷуфтро ташкил кард. Истеҳсоли пойафзоли резинӣ низ босуръат меафзояд. Агар дар ҷумҳурӣ соли 2012 402,6 ҳазор ҷуфт пойафзол истеҳсол шуда бошад, дар соли 2019-ум 699,8 ҳазор ҷуфт пойафзол истеҳсол шудааст, яъне дар ҷумҳурӣ зиёда аз ним миллион пойафзоли резинӣ истеҳсол карда шуд. Аз ҷумла дар вилояти Суғд соли 2012 26,6 ҳазор ҷуфт ва соли 2019 586,3 ҳазор ҷуфт пойафзоли резинӣ истеҳсол шудааст. Дар истеҳсоли пойафзол пешравӣ ба назар мерасад, вале он талаботи рӯзафзуни аҳолии ҷумҳуриро ба ин маҳсулот қонеъ гардонида наметавонад[4, с.110].

Тамоюли коҳиши истеҳсоли маҳсулоти саноати сабук дар ифодаи натуралӣ боиси афзоиши воридот ба ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба вилояти Суғд гардид. Аз ҳама муҳиммаш,содироти маҳсулоти саноати сабук ҳатто ба мамлакатҳои Иттиҳод ихтисор ёфт. Масалан, аз соли 2000 инҷониб матои абрешимӣ давра ба давра ба Озарбойҷон, Арманистон, Афғонистон, Булғористон, Британияи Кабир, Олмон, Эрон, Италия, Қазоқистон, Қирғизистон, Чин, Латвия, Молдова, ИМА, Русия, Ҷумҳурии Корея, Туркия, Узбекистон, Украина, Швейсария содир карда мешуд, абрешими хомро Ветнам ва Хитой мехаранд, пилла давра ба давра ба Афғонистон ва Ветнам; матоъҳои пахтагин гоҳу ногоҳ ба Белоруссия, Белгия, Британияи Кабир, соли 2000 бошад як маротиба ба Олмон содир шуда буд. Давра ба давра матоъҳои пахтагини мо ба Италия, соли 2005 ба Индонезия, соли 2000 ба Латвия, солҳои 2000-2005ба Полша, соли 2013 ба Тунис, соли 2011 ба Украина содир карда шудаанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар содироти маҳсулоти корхонаҳои саноати сабуки вилояти Суғд ҳам аз ҷиҳати ҷуғрофии содирот ва ҳам аз ҷиҳати ҳаҷми пешниҳод нахи пахта мавқеи афзалиятнок дорад. Саноати сабуки вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб аз рӯи ҳамаи соҳаҳояш тамоюли рушд дорад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки стратегияи рушди соҳаи саноати сабуки вилояти Суғд дар асоси барномаҳои давлатӣ ва чораю тадбирҳое, ки роҳбари давлат ва роҳбарияти вилоят меандешанд, амалӣ шуда истодааст. Дар он имкониятҳо ва омилҳои рушди соҳавӣ ба назар гирифта мешаванд, аммо дар бештари ҳолатҳо сенарияҳои рушди соҳаҳои алоҳидаи саноат, хусусан соҳаи саноати сабук бо тадбирҳои илман асоснок эҳтиёҷ пайдо мекунанд. Ҳарчанд дар амалия ин гуна тадбирҳо мавҷуд мебошанд, мутаассифона дар бештари онҳо вижагӣ ва хусусиятҳои назариявии ташкили фаъолияти соҳаи саноат ба таври бояду шояд ба инобат гирифта намешаванд.

Хусусияти хоси рушди соҳаи саноати сабуки аксари минтақаҳо, аз ҷумла вилояти Суғд дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти соҳа бештар аз ду самт вобастагии калон

дорад: аввалан таъминоти моддию захиравӣ, сонияν самти рушди рақамикунонии соҳа.

Масалан саноатикунонӣ тайи солҳои охир ҳадафи стратегии кишвар муайян шудааст. Аммо дар шароити муосир ноил гардидан ба ҳалли ин масъала хеле мушкил аст, зеро он рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро талаб менамояд.

Ба ақидаи мо, рушди соҳаи саноати сабуки вилояти Суғд, пеш аз ҳама, аз самтҳои афзалиятноки он вобастагии калон дорад. Дар маркази афзалиятҳои мутлақи вилояти Суғд истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мақоми хоса дорад, лозим ба зикр аст, ки аз инкишофи ин бахши иқтисодиёт чунин соҳаҳои калидии соҳаи саноати сабук, ба мисли саноати хӯрокворӣ, нассоҷӣ, абрешим ва умуман соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вобаста аст, зеро харҷҳои рушди ин самтҳои саноат нисбатан кам ва таҳаммулпазир мебошад. Ногуфта намонад, ки дар инкишофи саноати сабуки вилоят ташаккули кластерҳои саноатӣ аҳамияти калон дорад. Кластерҳои саноатии бахши аграрӣ воқеан дигар самтҳои иқтисодиёти минтақаро муттаҳид намуда, самараи иловагии иқтисодиро барои тамоми иштирокдорони он таъмин менамоянд.

Соҳаи истеҳсоли молҳои ҳаррӯзаи рӯзгор чун самти нисбатан афзалиятноки рушди саноати сабуки вилоят баромад менамояд. Ба ин соҳаҳо соҳаи коркард ва истеҳсоли коғаз, маҳсулоти чӯбу тахта ва полиэтиленро дохил намудан мумкин аст. Дар шароити ташаккулёбии кластерҳои саноатӣ бо таври табиӣ, тақрибан 30% -и соҳаи саноат ба ин самт мутааллиқ мегардад, зеро ин самтҳо ҳамчун унсурҳои зарурии маҷмӯии маҳсулоти ниҳоии саноатӣ баромад менамоянд.

Фаъолгардонии ҷараёни инвеститсионӣ масъалаи муҳимми рушди соҳаи саноати сабуки вилояти Суғд ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди он ки дар ин самт чораҳои мушаххас амалӣ шуда истодааст, масъала то ҳол ҳалли худро наёфтааст. Мувофиқи назария дар мавриди рушди кластерҳо масъалаи фаъолгардии сармоягузорӣ ҳалли худро меёбад, зеро дар дохили кластерҳо сарчашмаи дохилии инвеститсионӣ ба вуҷуд меояд, ки аз рӯйи принсипи даврияти фаъолияти сармоягузорӣ ба роҳ монда мешавад ва он дар шароити муосир роҳи оптималии ҳалли масъалаи сармоягузорӣ дар минтақа ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ рушди соҳаҳои саноати сабуки вилояти Суғд аз омилҳои муҳимми зерин вобаста аст:

- Инкишофи соҳаҳои афзалиятноки саноати минтақа, пеш аз ҳама бахши аграрии иқтисодиёт. Дар ин самт татбиқи мини механизатсия ва бо ин роҳ баланд бардоштани сатҳи интенсификатсияи соҳаи кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ аст, зеро танҳо бо ин роҳ ҳосилнокии меҳнатро дар соҳа афзоиш додан имконпазир аст. Ба ғайр аз ин баландшавии сатҳи интенсификатсияи соҳаи кишоварзӣ ба ҷараёни саноатикунонии минтақа таъсири бевосита дорад;
- Ташаккули кластерҳо масъалаи калидии рушди саноати сабуки вилоят мебошад, зеро кластерҳо аз як тараф сатҳи саноатикунонии минтақаро баланд бардошта, самаранокии ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолиро таъмин менамоянд, аз тарафи дигар бошад, кластерҳо ҷараёни ҳамгироии марҳилаҳои истеҳсолотро ба вуҷуд оварда, тавассути истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии истеъмолӣ ба коркарди арзиши изофа мусоидат менамоянд. Ба туфайли ин иқтидори содиротии иқтисодиёти минтақа афзоиш ёфта, омили муҳимми таъмини рақобатпазирии он мегардад.

**Пайнавишт:**

1. *Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯхтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 декабри 2021. // www.president.tj*
2. *Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030//Тасдиқ шудааст бо фармони ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октября соли 2016, № 392. - Душанбе: с - 104 .*
3. *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2019. – С.170.*
4. *Абдуллоев У.Х. Формирование и развитие регионального промышленного кластера (на материалах Центрального Таджикистана): дисс…канд. экон. наук.: 08.00.05. - Душанбе, 2019. - 178 с.*
5. *Абрамов Р.А. Роль и место территориальных кластеров в развитии экономики российских регионов // Экономические науки. - М., 2009. - № 8 (57). - С.239-242.*
6. *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти ҶТ, 2020.*

**Reference Literature:**

1. *Message of the Leader of Nation, Tajikistan Republic President, Reverend Emomali Rahmon to Majlisi Olii of Tajikistan Republic, December 21, 2021 // www.president.tj*
2. *National Sustainable Strategy of Tajikistan for the Period up to 2030 // Validated on the Decree of Tajikistan Republic Government from October 1, 2016, #392. – Dushanbe, 104 pp.*
3. *Tajikistan Republic Industry // Statistical Collection. – Dushanbe. Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President. 2019. – 170 pp.*
4. *Abdulloyev U.H. Formation and Development of Regional Industrial Cluster (on the Materials of Central Tajikistan). – Candidate dissertation in economics: 08.00.05. – Dushanbe, 2019. – 178 pp.*
5. *Abramov R.A. Role and Place of Territorial Clusters in the Development of Economy in Russian Regions // Sciences of Economics. – M., 2009, №8(57). – pp. 239 – 242.*
6. *Tajikistan Republic Industry // Statistical Collection. – Dushanbe. Agency on Statistics under the Auspices of Tajikistan Republic President. 2020. – 160 pp.*